Ба шурои диссертатсионии
6D.КОА-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(734067 ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонова Фируза Аличоновна ба диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, тибқи шиносномаи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия гардида, ба бандҳои 9.2. Стратегияи ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба системаи муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва системаи пулию қарзии ҷаҳонӣ. 9.3. Рушди инфрасохтори муносибатҳои қарзӣ, фишангҳо, шаклҳо ва методҳои муосири пешниҳоди қарз. 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ. 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он. 10.6. Рақобати байнибонкӣ. 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ. 10.9. Вижагии маблағгузории бонкҳо ба фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳаҳо ва шаклҳои дорои ташкилию ҳуқуқии гуногун. 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк. 11.10. Принсипҳои назорати самараноки бонкӣ ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Методология ва методикаи амалисозии назорати бонкӣ, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Рушди устувори иқтисоди миллӣ ва таҳкими нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар шароити муосир аз фаъолияти густурдаи ташкилотҳои қарзӣ вобастагии беандоза дорад. Таъмини иқтисодиёт бо

захираҳои пулӣ, маблағгузории соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии халқи мамлакат тавассути низоми бонкӣ роҳандозӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, бонкҳо ва муассисаҳои молиявию қарзӣ дар низоми иқтисодии ҳар як давлат мавқеи муҳимро касб намуда, коркарди механизми ҳамгироии онҳо бо бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ масъалаи муҳимро касб менамоянд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкӣ ҳамчун механизми асосии фаъолгардонии субъектҳои хоҷагидор дар самти истеҳсолот ва хизматрасонӣ пас аз ба даст овардани истиқлолият сохтори иқтисодиётро бо роҳи додани қарз ва хизматрасонӣ тағйир дода, истеҳсоли маҳсулотро то андозае аз ҳисоби истеҳсолот афзоиш дод. Таъмини пул ба соҳаҳои гуногуни саноат вазифаи асосии миёнаравҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки бо роҳи мутамарказкунии сармоя ҷараёни сусти иқтисодиёти кишварро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, ин мушкилотро бартараф менамоянд.

Низоми бонкӣ ҳамчун низоми фаъол дар сатҳи иқтисодиёти кишвар яке аз манбаъҳои асосии маблағгузорӣ ба иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки ин бо ҷамъоварӣ ва ба самтҳои афзалиятнок сафарбар намудани маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сурат мегирад. Қайд кардан зарур аст, ки низоми бонкӣ тавассути сохтори қарздиҳӣ ба самтҳои афзалиятноки бахши воқеии иқтисодӣ бо додани қарзҳои кӯтоҳмуддат ва қарзҳои сармоягузоришавандаи дарозмуддат ба татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва инноватсионӣ мусоидат менамояд.

Ба бахшҳои муҳимми иқтисодиёт сармоягузорӣ намудан, эҳёи заминаҳои нави иқтисодиёт, ташкили шаклҳои нави соҳибкории истеҳсолӣ, рушди мақомоти марказию маҳаллӣ дар самти хизматрасониҳои хушсифат, ташкили сохторҳои соҳибкории муташаккил ва муваффақ ҳамчун низоми молиявии рушдёбанда заминаи мусоид фароҳам овардан дар айни замон шарти зарурӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, таҳлили заминаҳо ва тамоюлҳои ба вуҷуд омадани ҷалби сармоя аз тарафи низоми бонкӣ ва бо ин роҳ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт сафарбар намудани онҳо муҳим буда, он ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мушкилоти асосии бахши молиявӣ, аз ҷумла ҳанӯз ҳам ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтани он ва мувофиқат накардани он ба талаботи бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли хизматрасониҳои миллӣ зикр гардида, ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки рушди он таъмини дастрасӣ ва диверсификатсияи

воситаҳои маблағгузории дарозмуҳлати бахши воқеии иқтисодиёт эътироф шудааст, ки ба сатҳи нокифояи ҳамоҳангии рушди бахшҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла бахши бонкӣ ва бахши воқеӣ ишора мекунад. Ин нукта ва гуфтаҳои боло ба мубрамии мавзуъ ва зарурати таҳқиқи роҳҳои таъмин намудани ҳамоҳангии рушди бахшҳои иқтисодиёт далолат мекунанд.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Ҷулиев Музаффар Ҳалимович аз таҳлилҳои мушаххас ва пешниҳодҳои қобили эътимод дар масъалаи таъсири низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиёт ва ҳамбастагии онҳо дар шароити муосир иборат аст. Таҳлил ва арзёбиҳои таъсири низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиёт, аз он ҷумла ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта, ки ба қадри имкон роҳҳои ҳалли онҳо дар шароити имрӯза пешниҳод гардидаанд, қисмати асосии навгонии илмиро дар бар мегиранд (саҳ. 8-11).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмӣ, ки онҳо дорои навоварии илмӣ мебошанд ва омӯзиши раванди пажӯҳиши диссертатсияро муайян мекунанд, иборатанд аз:

1.Ба таври назариявӣ таҳлил намудани мушаххасоти низоми бонкӣ, фарогирии фаъолияти бонкҳо, моҳияти иқтисодии онҳо, инчунин таъсири институтсионалии низоми бонкӣ аз нуктаи назари методӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва бахшҳои воқеии он. Ҳамчунин, механизмҳои имконпазири қобили истифода ва иҷро дар масъалаҳои фаъолгардонии бахши бонкӣ ба иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ гардидаанд.

2.Таъсири низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз ҷиҳати назариявӣ таъсири нуқтаи назари олимону коршиносон ба низоми бонкӣ ва ҳиссаи он дар рушди иқтисодиёти миллӣ пешниҳод гардидааст. Ғайр аз ин, низоми самараноки таъсиррасон дар шакли нақша бо усулҳои имконпазир инъикос ёфта, марҳалаҳои рушди он бо назардошти нишондиҳандаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

3.Дар доираи имкониятҳои иқтисодии давлат марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ва таъсири мусбат ва манфии он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва марҳалаҳои рушди онҳо таҳлил гардида, самаранокии иқтисодии низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт муайян гардидаанд;

4.Нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар марҳалаи барқароршавӣ ва рушди иқтисодиёт таҳлил гардида, арзёбии нишондиҳандаҳои алоҳидаи

ташкилотҳои қарзӣ ва иқтисодиёт: дороиҳои бонкӣ, сифати сандуқи қарзии бонкҳо, қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ва як қатор нишондиҳандаҳои дигаре, ки самаранокӣ ва таъсири иқтисодии бонкҳоро бо назардошти ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагӣ муайян мекунанд, таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд;

5.Вобаста ба таъсири омилҳои беруна ва таконҳои иқтисодӣ таҳлили динамикии нишондиҳандаҳои алоҳида ва муҳимми молиявии низоми бонкӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ дар марҳалаҳои душвори иқтисодӣ баррасӣ гардида, вобаста ба ин, нишондиҳандаҳое, ки тамоюли манфии низомро дар сатҳи иқтисодиёт инъикос мекунанд, таҳқиқ гардида, ҳиссаи самараноки фоизҳо муайян карда шуданд;

6.Дар шароити номусоид будани вазъияти иқтисодии ҷаҳон ва камбудиҳои амнияти озуқаворӣ масъалаи фаъолгардонии бахши бонкӣ ба рушди иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҳҳои ҷалби сармояи бонкӣ ба рушди иқтисодиёт аз рӯи иқтидори захиравии бонкҳо муайян ва як қатор таҳлилу муқоисаҳое, ки фаъолнокии бахши бонкӣ ва иқтисодиёт аз он вобастагӣ дорад, баён гардиданд. Ҳамзамон рушди минбаъдаи ин нишондиҳандаҳо, ҳиссаи онҳо дар ММД ва механизмҳои тақвияти ин масъалаояндабинӣ гардидааст.

**Нуктаҳои асосии кори илмӣ- таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби унвонҷӯ ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,** аз 6 банд иборат буда аҳамияти мустақили назариявӣ ва амалии диссертатсияро тавсиф медиҳанд, ки инҳоро дар бар мегиранд (саҳ. 10-11):

1.Заминаҳои назариявӣ ва методологии рушди низоми бонкӣ дар иқтисодиёт, моҳияти иқтисодии бонкҳо вобаста ба тағйироти иқтисодӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд;

2.Асосҳои иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон таҳлил гардида, марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

3.Дар шароити муосир (баъд аз соли 2015) рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба иқтисодиёт таҳлил гардида, иқтидори захиравии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ муайян карда шудаанд;

4.Механизмҳои молиявии таъсири низоми молиявию бонкӣ ба рушди иқтисодиёт таҳқиқ гардида, нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ, самаранокии фаъолияти бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии онҳо таҳлил ва ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ гардидаанд;

5.Вобаста ба таъсири як қатор омилҳо равандҳои осебпазирии низоми бонкӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои онҳо таҳлил гардида, дар сатҳи имконпазир механизмҳои асосии фаъолгардонии ин низом ба иқтисодиёт пешниҳод ва таъсири самаранокии фоизҳо муайян шудаанд;

6.Масъалаи фаъолгардонии бахши бонкӣ дар рушди иқтисодиёт таҳқиқ гардида, механизмҳои имконпазири ҳамоҳангсозии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт баррасӣ ва ҳиссаи ин низом дар ММД таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Дар диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович ҳамаи масъалаҳои таъсири низоми молиявию бонкӣ ба рушди иқтисодиёт таҳқиқ гардида, нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ, самаранокии фаъолияти бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии онҳо таҳлил ва ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон таҳлилу арзёбӣ гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти анҷомгардидаро пажуҳишҳои илмии олимони дохилию хориҷӣ, қонуну дастурамал ва низомномаҳои соҳавӣ дарбар гирифта, бо ин восита натиҷаҳои назаррас дар самти тафсиру таъсири низоми бонкӣ ба иқтисоди муайян гардидаанд. Ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба воситаи таҳлили нишондиҳандаҳо роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда ба таври назариявӣ ва амалӣ баён гардидаанд.

Дар доираи таҷриба ва нуқтаи назари олимону коршиносон ҳамгироии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт таҳлил гардида, натиҷаи назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар хулосаҳои зербобҳои алоҳидаи диссертатсия пешниҳод карда шудаанд, ки моҳияти ин масъаларо ба пуррагӣ инъикос карда метавонанд.

Хулосаҳои асосии илмӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии бахши истифодабарии ниҳодҳои молиявию қарзӣ истифода карда шаванд. Паҳлӯҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълимдиҳии фанҳои таълимии «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Пул, қарз ва бонкҳо», «Амалиёти бонкӣ», «Менеҷменти бонкӣ», «Маркетинги бонкӣ», «Низоми бонкӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

**5. Асосҳои методологии таҳқиқот ва усулҳои таҳлили** иқтисодӣ, ҳисобҳои оморӣ, мантиқӣ ва системавӣ, инчунин усулҳои моделсозии математикии ояндабинии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, усулҳои муқоисавӣ ва омилӣ истифода шудаанд. Хулосабарории муаллиф заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ ва як қатор масъалаҳои баррасишавандаи ҳамгироии низоми бонкӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллиро дар бар мегиранд.

Таҳқиқотҳои олимону коршиносони дохилию хориҷӣ, ки ба масъалаҳои муҳимтарини низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодӣ бахшида шудаанд бомаҳоратона мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин масъалаҳои методии таъсири низоми бонкӣ ба рушди иқтисодиёт мавриди корбурд қарор дода шудааст.

Дар баробари ин, тасвиб ва сатњи муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии онҳоро собит месозад. Натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда дар чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун (конференсияҳо) пешниҳод ва баррасӣ шуда, дар маҷмуъ муаллифи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ ва фишурдаи маърузаҳоро ба табъ расонидааст, ки аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

**6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо ҳамаи он вазифаҳое, ки оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, дар назди унвонҷӯ гузошта шуда буд, ба пуррагӣ иҷро шудаанд. Марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ, аз қабили таҳияи мавзӯъ, асоснокӣ ва аҳамияти он, ҳадафгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асосноккунии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуданд. Илова бар ин, муаллиф равандҳои ҳамгироии низоми бонкиро бо бахшҳои иқтисодиети Тоҷикистон таҳлил намуда, натиҷаҳои мушаххас ба даст овардааст.

**7. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба талаботи ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 173 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, 18 ҷадвал, 2 расм, 8 диаграмма ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 178 сарчашмаро дарбар мегирад.

Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тафсири онро дар алоҳидагӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамию аҳамияти дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект, мавзуи таҳқиқ, фарзияи таҳқиқот, навгонӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххас баён гардида, саҳми муаллиф дар амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот вобаста ба хулосаву пешниҳодҳои амиқ санҷидашуда баён гардидаанд. (саҳ. 4-14)

**Дар боби якум – "Асосҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ ва ҳамоҳангии он бо сатҳи рушди иқтисодиёт"** заминаҳои назариявию методии таҳқиқи рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт, моҳият, вижагиҳо ва асосҳои ташкилию иқтисодии таъсири низоми бонкӣ ба рушди бахшҳои иқтисодиёт, марҳалаҳои рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангии он бо дигар бахшҳои иқтисод таҳқиқу баррасӣ гардида, пешниҳодҳои ҳадафманд оварда шудааст. (саҳ. 15-57)

Дар ин қисмати диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар асоси масъалаҳои асосие, ки дар натиҷаи таҳаввулоти бавуҷудомадаи иқтисодӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо ба сатҳи фаъолияти бонкҳо нуқтаи назари олимону коршиносон дар самти заминаҳои бавуҷудоии бонкҳо ва ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт таҳқиқ гардидаанд. Вобаста ба фарзиёт ва ҷузъиёти мавҷуда таърихи пайдоиши бонкҳо аниқ гардида, зарурати иқтисодии онҳо дар ҷомеа муайян гардидааст. (саҳ. 18-30) Ҳамчунин вобаста ба сарчашмаҳои таърихӣ марҳалаҳои ташаккули низоми бонкӣ дар сатҳи зарурӣ муайян ва заминаҳои бавуҷудоии онҳо (саҳ. 20) ва марҳилаҳои рушди низоми бонкӣ дар Тоҷикистон ва ҳамоҳангии он бо дигар бахшҳои иқтисодиёт шарҳ дода шудаанд (саҳ. 45-56). Муаллиф асосҳои институтсионалии таъсири низоми бонкӣ ва ҳамвобастагии онҳо ба иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор гирифта, саҳми мутақобилаи низоми бонкӣ ва иқтисодиётро вобаста ба шароити муосир дуруст муайян намудааст.

Яке аз натиҷаҳои арзишманди диссертатсия дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи таҳлили васеи назарияҳо ва ақидаҳои гуногуни олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаҳои таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт маълумотҳои муфассал оварда, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад, таҳлили вазъи муосири низоми бонкӣ ва ҳамбастагии он бо сатҳи рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** таҳлили макропруденсиалии вазъи муосири бахши бонкӣ ва бахшҳои дигари иқтисоди миллӣ, шароит ва омилҳои асосии таъмини ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ бо сатҳи рушди иқтисодиёт, афзорҳои макроиқтисодии ҳамоҳангсозии рушди бахшҳои бонкӣ ва воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон таҳлил гардида, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудааст. (саҳ. 58-103)

Дар зерқисматҳои боби мазкур нишондиҳандаҳои меъёрии устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.1., саҳ.60) мавриди таҳлил қарор дода, дуруст қайд мекунад, ки кифоягии сармоя ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои устувории бонкҳо "... соли 2017 22,9%-ро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2022 ба 25,3% ё ба меъёри 2,4% зиёд шудааст, ки ин зиёдшавӣ, аз як тараф, ба беҳтарсозии фаъолияти бонкӣ, аз дигар тараф, ба бартараф кардани хавфҳои эҳтимолӣ мусоидат мекунад.", (меъёри дигари зарурӣ, ин пардохтпазирии ҷории ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад, ки ба санаи 21.12.2022 94,88%-ро ташкил намудааст, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (30 фоиз) 64,88 банди фоизӣ зиёд мебошад ва ин ҳолати сари вақт иҷро кардани уҳдадориҳои доимии бонкиро пурзӯр менамояд. Пардохтпазирии низоми бонкӣ соли 2017 30,1%-ро ташкил намуда бошад, дар соли 2022 94,88% ё 64,7% афзоиш ёфтааст, ки ин масъала ба таъмини эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва аз байн бурдани бӯҳрони эътимод мусоидат мекунад. (саҳифаи 60-61), ҳамчунин ишора менамояд , ки "...агар сифати сандуқи қарзӣ дар маҷмуи қарзҳо 36,0% - ро ташкил намуда бошад, ин меъёр дар соли 2022 12,0%-ро ташкил намудааст ва дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда - 24,0% коҳиш ёфтааст, ки аз хуб шудани сифати сандуқи қарзии низом дар сатҳи низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад. Беҳтар сохтани сифати сандуқи қарзии низоми бонк занҷираи васеи таъсиррасонӣ дошта, он метавонад ба тамоми самтҳои иқтисодиёт таъсир расонад"

Муаллиф дар мавриди таҳлили нишондиҳандаҳои меъёрӣ ва асосии низоми бонкӣ (ҷадвали 2.2., саҳ.63) чунин хулосабарорӣ менамояд, ки "Ба андешаи мо, норасоии захираҳои пулӣ ва фондҳои асосӣ дар ҳама намуди хоҷагиҳо муаммои қарздиҳии низоми бонкӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва ташкили муҳити солими ҳамгирои дар ин самт мебошад, ки ин масъала ба имкониятҳои нав ва иловагии рушд мусоидат менамояд" (саҳифаи 64) қобили қабул буда, дар стратегияи рушди ҳар як бонк бояд ҳатман мавриди назар гирифта шаванд. Махсусан, маблағгузории соҳаи саноат, кишоварзӣ, сохмон ва ғайраҳо. Дар ҳамин радиф ҷиҳати таъмини шароити мӯътадили ҳамоҳангӣ чунин чораҷӯиҳоро пешниҳод менамояд: кам намудани ҳиссаи бонкҳои беэътимоду заиф ва ташкилотҳое, ки ба иқтисодиёт таъсири мусбат расонида наметавонанд ва ба эътимоду боварии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд; устувор кардани захираҳои асъории низоми бонкӣ ҷиҳати диверсификатсияи қарздиҳӣ ба субъектҳои иқтисодӣ; фароҳам овардани шароити қарздиҳии низоми бонкӣ бо меъёри фоизи паст ба субъектҳои гуногуни иқтисодӣ; маҳдуд кардани ҳиссаи амалиёти серталаб ва хавфнок дар бозори бонкӣ; то як давраи муайян тақсим намудани ҳиссаи

амалиёте, ки хусусияти нақдӣ доранд ва онҳо мувақкатан барои як ё якчанд бонк монеа эҷод мекунанд.

Қарздиҳӣ яке аз амалиётҳои асосии бонкҳо ва муассисаҳои молиявию қарзӣ ба ҳисоб рафта ҳамчун ангезандаи рушди ин ё он соҳаи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои рушди қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт (ҷадвали 2.3., саҳ.66) мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ ба чунин хулоса меояд, "... ҳамаи қарзҳои ба соҳаҳо додаи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бо шарофати талошҳои пайвастаи роҳбарияти олии кишвар ва беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва қарздиҳии бонкӣ нисбат ба соли 2010, вобаста ба зиёд шудани талабот ба қарз 3,3 маротиба тамоили зиёдшавиро касб намудаанд. Аз он ҷумла, дар соҳаи саноат, ки яке аз ҳадафҳои стратегии давлат мебошад, ҳаҷми қарзҳои додашуда ба ин соҳа 104,2 фоиз, кишоварзӣ 3,3 маротиба, сохтмон 35,5%, хизматрасонӣ 9,1 маротиба, савдои хориҷӣ 52,7%, истеъмолот 18,2 маротиба ва дигар қарзҳо 91,8% ба таври чашмрас тағйирёбии мусбат доранд. Бо арзёбӣ ва натиҷаи ин маълумотҳо, ба андешаи мо, ташаккули муҳити ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт омили асосии рушди мутавозини низоми бонкӣ ва иқтисодиёт аст."

Ҳамчунин, ҳиссаи фарққунандаи вобастагии меъёри фоизи қарзҳои низоми бонкӣ аз дигар нишондиҳандаҳо (диаграммаи 2.1, саҳ 68), ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ дар ММД (диаграммаи 2.2, саҳ 78), ҳиссаи нишондиҳандаҳои афзалияноки низоми бонкӣ дар ММД(диаграммаи 2.3, саҳ 80), динамика ва дараҷаи зиёдшавии дороиҳои низоми бонкӣ (диаграммаи 2.4, саҳ 82), динамикаи самаранокии пасандозҳо дар маҷмуи умумии пасандозҳои низоми бонкӣ (диаграммаи 2.5, саҳ 83), сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ (ҷадвали 2.4., саҳ 87), осебпазирии низоми бонкӣ вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳо (ҷадвали 2.5., саҳ 94), вазъи осебпазирии низоми бонкӣ вобаста ба амалиёти қарзӣ ва даромаднокии дороиҳо (ҷадвали 2.6., саҳ 96), меъёри фоизи қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳо (диаграммаи 2.7, саҳ 98) таҳлил карда шуда, баҳогузории муаллифона дода шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия бошад, мукаммалгардонии асосҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми бонкӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ,** имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии таъмини ҳамоҳангии рушди низоми бонкӣ ва бахшҳои иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ, роҳҳои тақвияти ҳамкории низоми бонкӣ ва бахши воқеии иқтисодиёт дар Тоҷикистон, таҳияи дурнамои ҳамоҳангии рушди бахшҳои молиявию воқеии иқтисод дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд. (саҳ. 104-144)

Дар зеркисматҳои боби мазкур ҳиссаи муқоисавии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар ММД (ҷадвали 3.1, саҳ 109), ҳиссаи қарзҳои додашуда дар ММД-и кишварҳои ҷаҳон (бо фоиз) (диаграммаи 3.1, саҳ 116), нишондиҳандаҳои пулии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 3.3, саҳ 121), таҳлили тағйирёбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 3.4, саҳ 124), дурнамои имконият ва мушкилоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 3.5, саҳ 127) мавриди баррасӣ қарор дода шуда, инчунин аз тарафи муаллиф барои баланд бардоштани ҳаҷми қарздиҳӣ ба бахшҳои иқтисодиёт, соҳибкории истеҳсолӣ, соҳаи саноату кишоварзӣ ва беҳтаркунии сандуқи қарзии низоми бонкӣ (саҳ.139) ва мустаҳкам намудани равандҳои рақобатпазирӣ дар сатҳи низоми бонкӣ (саҳ 142) чораҳои гуногун пешниҳод карда шудааст.

Пешниҳодҳои зерини унвонҷӯ ҷиҳати мустаҳкам намудани равандҳои рақобатпазирӣ дар сатҳи низоми бонкӣ амалинамои қобили қабул мебошад.

- Фароҳам овардани шароит барои дастрасии мизоҷон ба хизматрасониҳои бонкӣ тавассути роҳандозии инфрасохтори технологияҳои ҳозиразамон;
- Зиёд намудани марказҳои хизматрасонию машваратӣ бо фарогирии самтҳои фаъолияти шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла минтақаҳои дурдаст ва имконияти стратегидошта;
- Баланд бардоштани роҳҳои имконпазири таъмини равандҳои эътимоднокии бонк дар сатҳи зарурӣ бо роҳи баланд кардани пардохтпазирӣ;
- Таъмини талаботи пайвастаи мизоҷон бо хизматрасониҳои дорои имтиёз ва мутобиқ ба шароити воқеии мизоҷон;
- Аз дигар бонкҳо бо фоизҳои дастрас пешниҳод намудани амалиёт ва хизматрасониҳои гуногун;
- Баланд бардоштани маданияти муносибат бо мизоҷон ва дар заминаи ин ташкили шуъбаҳои машваратии шабонарӯзӣ ва ғ.

Дар хулосаи диссертатсия оид ба масъалаҳои таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон оварда шуда, роҳҳои мукаммалгардонии асосҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми бонкӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ пешниҳод карда шудаанд.(саҳ.145-151)

**8. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бар замми он ки таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо моҳияти илмию амалӣ ва методологии диссертатсияро беҳтар хоҳад намуд:

1. Натиҷагирӣ аз бобу фаслҳои рисола ҷабогӯ ба меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ бошад ҳам, аммо баъзе аз хулосабарориҳои муаллиф такмил мехоҳанд. Арзёбии мушаххас ва таҳлили ҳамаҷонибаи моҳияти аслии натиҷаҳои бадастоварда дар хулосаҳои ҳар як фаслу боб ҷиҳати афзун гардидани арзиши илмии рисола хоҳад буд.

2. Дар ҷадвалҳои диссертатсия нишондиҳандаҳои оморӣ, ки солҳои гуногунро фаро мегиранд, баъзе аз номувофиқатиҳо ба назар расиданд, ки натиҷаи таҳлилро зери шубҳа мегузоранд. Ин номувофиқатӣ ҷанбаҳои амалии тавсияҳои муаллифро то ҷое баҳсангез нишон медиҳад.

3. Таҷрибаи ҳамгироии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ дар зербоби алоҳида мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, аммо роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст.

4. Агар соҳаи афзалиятноки ҳамгироии низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ба монанди саноат, кишоварзӣ ва сохтмон ҳамчун соҳаҳои калидӣ ба пуррагӣ баррасӣ мегардид, арзиши илмӣ ва амалии рисола боз ҳам меафзуд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ, мантиқӣ ва ҷумлаҳои душворфаҳм ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Ин эродҳо ҳаргиз ба арзишу аҳамият ва сатҳи илмии рисола таъсири манфӣ надошта, хусусияти тавсиявӣ дорад. Муаллиф ҳангоми мақбул донистани ин тавсияҳо метавонад бо камтарин фурсат ислоҳ намояд. Дар маҷмуъ диссертатсия ба ҳамаи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ дар соҳаи мавриди назар ҷавобгӯ буда, бо диду назари ҷиддӣ таълиф гардидааст.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**10. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Умуман, рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, он кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ мебошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҷулиев Музаффар Ҳалимович дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон", ки ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31,33,35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯи ихтисоси 08.00.10.**
**Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**
**дотсенти кафедраи кори бонкии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"** **Қурбонова Ф.А.**

**Имзои н.и.и., дотсент Қурбонова Ф.А-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров** **Ҳусейнова З.С.**

**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 701 22 65**
**E-mail: firuza.1978@inbox.ru**